# ХУЛОСАИ
# ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-063 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН
**аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №___

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 27.02.2025, №6
Барои сазовор донистани Эшбоев Ҷонибек Абдумаликович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ

Диссертатсия дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли соҳибкории шабакавии вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ) аз тарафи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5), ки дар асоси фармоиши КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 апрели соли 2023, № 63/шд таъсис ёфтааст, ба ҳимоя қабул карда шуд (№16 аз 21.12.2024).

Довталаби дараҷаи илмӣ – Эшбоев Ҷонибек Абдумаликович, соли 1989 таваллуд шудааст.

Соли 2012 МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»-ро аз рӯйи ихтисоси “Системаҳои таъмини бехатарии маълумот” хатм намуда, соҳиби дараҷаи бакалаври муҳандис-тадқиқотчӣ шудааст. Соли 2014 дар донишгоҳи номбурда дараҷаи магистриро аз рӯйи ихтисоси “Системаҳои таъмини бехатарии маълумот - ҳифзи ахбор” ба даст овардааст.

Аз соли 2014 то 2017 ба ҳайси аспиранти кафедраи назарияи иқтисодӣ таҳсил намудааст. Фаъолияти илмӣ-педагогии худро аз соли 2015 ҳамчун ассистенти кафедраи “Технологияҳои ҳифзи ахбор”-и МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» оғоз намудааст. Аз соли 2022 ба вазифаи муаллими кафедраи барномарезӣ интихоб гардида то ҳол фаъолият бурда истодааст. Оиладор, соҳиби 2 фарзанд.

Эшбоев Ҷонибек Абдумаликович аз моҳи феврали соли 2015 унвонҷӯи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров мебошад.

Диссертатсия дар кафедраи назарияи иқтисодии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» иҷро карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Исмоилов Мамараҳим Мирзораҳимович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии факултети иқтисодии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров».

**Муқарризони расмӣ:**

- Дадоматов Далерҷон Нишонбоевич – д.и.и., профессор, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;
- Тагаев Баҳром Шоназарович – номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири

кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** - Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба соҳаи соҳибкорӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз, асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Хулосаи мусбати додашудаи муассисаи пешбар аз тарафи коршинос, дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, н.и.и. Азизова Ш.Ғ. таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории муассисаи мазкур (аз 13.01.2025, суратҷаласаи №7) баррасӣ гардидааст ва аз тарафи директори Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, н.и.и., дотсент Ҷалилзода А.А. тасдиқ шудааст.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки диссертатсия дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли соҳибкории шабакавии вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ таҳқиқоти илмӣ-тахассусии баитмомрасида буда, ба талаботи муқарраршудаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) ҷавобгӯ буда, дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методӣ омода гардидааст, дар он масъалаи муҳими илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Эшбоев Ҷонибек Абдумаликович сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзӯи диссертатсия 15 интишори илмӣ, аз ҷумла 8 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад, ки муҳимтарини онҳо инҳоянд:

1.Эшбоев Ж.А. Практика использования зарубежного опыта использования инноваций в сетевой экономике. [Текст] / Ж.А Эшбоев, М.М.Исмаилов, Ш.М. Исмаилов // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. Хуҷанд. - 2016. №3(38). – С.139-148. ISSN 2077-4974.

2.Эшбоев Ж.А. Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан в годы суверенитета. [Текст] / Ж.А Эшбоев, М.М. Исмаилов, И.А. Саттаров // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. Хуҷанд.-2016. №4(39)-С.192-198. ISSN 2077-4974.

3.Эшбоев Ж.А. К вопросу о повышении конкурентоспособности промышленных предприятий. [Текст] / Ж.А. Эшбоев, М.М. Исмаилов, Т.Х. Каримова// Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. Хуҷанд.-2017. №4(43)-С. 81-87. ISSN 2077-4974.

4.Эшбоев Ҷ.А. Мақоми сохтори шабакавии инноватсионӣ дар шароити

иқтисодиёти бозорӣ. [Матн] / Ҷ.А Эшбоев, М.М. Исмаилов// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе. 2023. №1(45) -С. 148-154. ISSN 2308-054X.

5.Эшбоев Ҷ.А. Мазмун ва роҳҳои ташаккулёбии соҳибкории шабакавӣ. [Матн] / Ҷ. А Эшбоев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе 2023. №3( 48) -С. 302-306. ISSN 2308-054X.

6.Эшбоев Ҷ.А.Оид ба таҳқиқи хусусиятҳои рушди иқтисодиёти шабакавӣ [Матн] / Ҷ. А Эшбоев // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. Хуҷанд.-2023. №3 (66) -С. 191-195. ISSN 2077-4974.

7.Эшбоев Ҷ.А. Муҳити институтсионалӣ ва таҷрибаи хориҷии рушди соҳибкории шабакавӣ. [Матн] / Ҷ.А Эшбоев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе 2023. №4/1( 49) -С. 167-176. ISSN 2308-054X.

8.Эшбоев Ҷ.А. Аҳамияти корхонаҳои шабакавӣ дар иқтисодиёти рақамӣ [Матн] / Ҷ.А Эшбоев, М.М. Исмаилов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе 2024. №2(52) -С. 142-148. ISSN 2308-054X.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шуданд:**

1. Аз номи н.и.и., дотсенти кафедраи баҳисобгирӣ ва технологияи рақамии Донишкадаи байналмилалии Хуҷанди ДБССТ Абдуллоев А. бо чунин эрод: Дар автореферат ба масалаи муқоисаи рушди соҳибкории шабакавии вилояти Суғд бо дигар вилоятҳо нисбатан кам эътибор дода шудааст.

2. Аз номи д.и.и., и.в. профессор, мудири кафедраи фаъолияти биржавии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Мирсаидов С.А. бо чунин эрод: дар автореферат ба ҳамкорӣ бо давлатҳои ИДМ ва ҷаҳон эътибори кам дода шудааст.

3. Аз номи н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон Облоқулов В. М. бо чунин эрод: агар муаллиф рақамикунонии соҳибкории шабакавиро васеътар асоснок мекард, диссертатсия боз ҳам ҷолибтар мегардид.

4. Аз номи д.и.и., дотсент, мудири шуъбаи таҳқиқоти назариявӣ ва робитаҳои иқтисоди хориҷии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Каримова М.Т. (ба қисми русии автореферат) бо чунин тавсия «… рекомендовать в дальнейшем рассмотреть возможные проблемы, с которыми сталкиваются предприятия, работающие в сетевой экономике в условиях трансформации - такие как проблемы регулирования цифровых рынков и возможные социальные и экономические риски, связанные с быстрым ростом сетевых предприятий».

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, муқарризони ғайрирасмӣ дар баробари муайян кардани баъзе норасогиву камбудиҳои автореферати диссертатсия муҳимияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ, навоварӣ ва дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид кардаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***коркард карда шудааст:*** тавзеҳи муҳити институсионалии иқтисодиёти шабакавӣ ва таъсири он ба ташаккул ва рушди соҳибкории шабакавӣ. Соҳибкории шабакавӣ технологияи нави фаъолият ва усули хоҷагидории бозорӣ буда, рақобатпазирии иқтисодии вилояти Суғд ва Ҷумҳурии

Тоҷикистонро таъмин менамояд, масъалаҳои назариявӣ ва методии ташаккул ва рушди соҳибкории шабакавии минтақа дар шароити муосир коркард шудааст;

- ***пешниҳод шудааст:*** асосҳои илмии мукаммалгардонии муҳити институтсионалии соҳибкории шабакавӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, омилҳо ва меъёрҳои асосии он, роҳҳои асосии рушди он;

- ***асоснок гардидаанд***: соҳибкории шабакавӣ ба рушди муҳити устувори соҳибкорӣ мусоидат мекунад. Дар навбати худ, муҳити соҳибкорӣ муносибатҳои истеҳсолӣ-шабакавиро ташаккул дода, ҳамкории соҳибкорон, ширкатҳо ва муассисаҳоро такмил медиҳад. Аз ин рӯ, ба соҳибкорон, аз ҷумла соҳибкорони вилоят ва дигар минтақаҳо барои ширкат намудан, амалисозии равобити иқтисодӣ ва ҳам фаъолияти тиҷоратӣ дар бозори ҷаҳонӣ соҳибкории шабакавӣ мусоидат менамояд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:** аҳамияти нақши иқтисодиёти шабакавӣ дар таъмини рушди иқтисодӣ беназир буда, самаранокии низоми иқтисодиро таъмин менамояд, зеро он қобилият ва хусусияти эҷодкории соҳибкориро нишон медиҳад.

- ***баррасӣ гардидааст***: ҷанбаҳои илмию назариявии рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси соҳибкории шабакавии вилояти Суғд;

- ***истифода шудаанд***: раванди таҳқиқи масоили марбут ба инкишоф ва ташаккули соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории шабакавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи истифода аз методҳои умумии илмӣ: синтез, муқоиса, индуксия ва дедуксия, таҳлили оморӣ ва таҳқиқоти монографӣ сурат гирифтааст.

Истифодаи усулҳои зикршуда самаранокӣ ва асоснокии натиҷаҳо, хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмиро таъмин намудаанд:

- таҳлили вазъи муосири рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соҳибкории шабакавии вилояти Суғд гузаронида шудааст;

- самтҳои асосии такмили механизми амалкунии соҳибкории шабакавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир таҳия ва пешниҳод шудаанд;

- заминаҳои беҳбуди механизми тавсеаи тиҷорати он-лайн таъйин намудан таҳия карда шуда, роҳҳои такмили он пешниҳод гардидаанд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:**

- муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот барои истифода дар сохторҳои соҳибкории шабакавӣ ва корхонаҳои саноатию-шабакавии вилояти Суғд истифода шудааст (маълумотнома № 22 аз 6-уми декабри соли 2023).

- самтҳои асосии илман асоснокгардидаи таҳқиқот метавонанд ҳангоми такмилдиҳии заминаи қонунгузорӣ дар соҳаи таҳқиқшаванда ва инчунин дар фаъолияти соҳибкории шабакавӣ ва соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти таъсири бисёрҷонибаи омилҳои сершумори муҳити дохилӣ ва берунӣ имконият фароҳам оваранд;

- тавсияҳои асосии методӣ ва амалӣ имкон медиҳанд, ки масъалаҳои рушди соҳибкории шабакавӣ дар кишвар дар сатҳи зарурӣ ҳалли худро ёбанд;

- ***муайян карда шудааст***, ки хусусиятҳои хоси назарияи иқтисодиёти шабакавӣ ва соҳибкории шабакавӣ хусусият ва хислатҳои низомҳои иҷтимоӣ-

иқтисодии асри XXI-ро тавсиф дода, асоси рушди ҷомеаи иттилоотии «иқтисодиёти шабакавӣ» мебошад.

- ***пешниҳод карда шудааст:*** барои арзёбии самаранокии фаъолияти соҳибкории шабакавӣ усуле, ки ба низоми нишондиҳандаҳои асосии соҳибкорӣ асос ёфтааст: зичӣ ва дараҷаи ҳамоҳангии шабака, зичӣ ва устувории робитаҳои тиҷоратӣ, тавозуни сохторӣ, дараҷаи расмисозии робитаҳои тиҷоратӣ дар соҳибкории шабакавӣ.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:** таҳлили пурраи кори муаллифони гуногун дар мавзуи таҳқиқшуда, СМР то соли 2030, Консепсияи иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025», иртиботи маводҳои маҷаллаҳои махсуси соҳавӣ, инчунин маълумоти иқтисодиёти шабакавӣ, соҳибкорӣ шабакавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, натиҷаҳои назарсанҷии муаллиф ва истифодаи дурусти усулҳои системавии ҳалли мушкилот таъмин карда шудааст.

Хулоса ва тавсияҳо, ки дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шуданд, ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ мебошанд.

- ***назарияи*** таҳқиқот дар заминаи муқаррароти назариявию консептуалии таҳиянамудаи олимони соҳаи иқтисодиёт, аз ҷумла соҳибкорӣ, таҳқиқи нишондиҳандаҳо ва омилҳои таъсиррасон ба муҳити институтсионалии соҳибкории шабакавӣ ва ғайраҳо бунёд шудааст;

- ***ғояи*** таҳқиқот аз таҳлили дастуру супоришҳо ва Паёмҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои оморӣ ва таҳлилии Кумитаи рушди сайёҳӣ ва вазорату идораҳои дахлдор, маводи конфронсҳои гуногун ва дигар маводи таҳлиливу таҳқиқотӣ сарчашма мегирад;

- ***аслият ва навгониҳои*** натиҷаҳои таҳқиқот оид ба рушди назарияи соҳибкорӣ дар мисоли соҳибкории шабакавӣ ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ барои истифода дар муҳити соҳибкории миллӣ мебошад;

- ***коркарди*** тавсияҳои илмӣ оид ба ташаккул ва рушди соҳибкории шабакавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти пешрафти иқтисодиро васеъ гардонида, соҳибкории шабакавиро яке аз омилҳои асосии рушди иқтисодии муосири рақамӣ (инноватсионӣ) мегардонад, зеро мақсади рушди соҳибкорӣ дар кишвар, ташкил ва зиёд намудани ҷойҳои нави корӣ, фоиданокӣ, бештар қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба молу хизматҳо мебошад.

Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ асос ёфтаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ:**

- тамоми зинаҳои таҳқиқот ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқот, ба монанди интихоби мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудаанд;

- татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи диссертатсия ба такмилдиҳии назария ва амалияи рушди соҳибкории шабакавӣ дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон мусоидат мекунад;

- тавсияҳои методӣ ва амалии дар диссертатсия асоснокшуда дар ҷараёни таҳияи матни лексияҳо, маводҳои ёрирасонии таълимӣ аз фанҳои «Назарияи иқтисодӣ», «Иқтисодиёти корхона», «Иқтисодиёти соҳаҳо» бо мақсади тайёр намудани мутахассисони соҳаи иқтисодӣ истифода шуда истодаанд (маълумотнома дар бораи татбиқ таҳти №01/8360 аз 08-уми декабри соли 2023 МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»);

- муқаррароти асосии диссертатсия дар 15 кори илмӣ, аз он ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд;

- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, ки тӯли солҳои 2016-2024 баргузор гардидаанд, аз тарафи муаллиф маърӯза гардидаанд.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 27 феврали соли 2025 қарори сазовор донистани Эшбоев Ҷонибек Абдумаликович ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 14 нафар (1 нафар тариқи маҷозӣ) иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар. Овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бюллетени беэътибор - нест.

**Раиси шурои**
**диссертатсионӣ, д.и.и., дотсент** **Шаропов Ф.Р.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ, н.и.и., дотсент** **Исмоилов А.А.**

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ "ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН" * ГУ "МЕЖДУНАРОДНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ ТУРИЗМА И ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА ТАДЖИКИСТАНА" * SI "INTERNATIONAL UNIVERSITY OF TOURISM AND ENTREPRENEURSHIP OF TAJIKISTAN"